# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04.- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Тарҷума аз замонҳои қадим вуҷуд дорад. Вале тарҷумонӣ дар асри миёна чун шохаи ҷудогонаи адабиёти бадеӣ арзи вуҷуд кард. Азбаски дар асрҳои миёна илм нисбат ба адабиёти бадеӣ пеш рафта, нисбатан обрӯю мартабаи баланд дошт, тарҷумонҳо ҳам бештар ба баргардониши асарҳои илмӣ сарукор доштанд.

Адабиёти тарҷумавии тоҷик асосан баъди солҳои бистуми асри 20 рӯ ба инкишоф овард. Шоиру нависандагони тоҷик Ҳаким Карим, Сотим Улуғзода, Ҳасан Ирфон, Ҳабиб Аҳрорӣ, Ҷалол Икромӣ ва дигарон на танҳо ба воситаи асарҳои аслии худ, балки тавассути тарҷумаҳояшон аз адабиёти хориҷӣ пояҳои нахустини адабиёти тарҷумавии тоҷикро гузоштанд.

Дар раванди ташаккул ва таҳаввули тарҷумаи бадеӣ нақши шахсиятҳои ҷудогона бузург буда, маҳз ба василаи хидматҳои эшон тарҷума ҳамчун ҷузъи муҳимми адабу фарҳанг дар ҷомеаи тоҷикон ҷойгоҳи шоиста касб кард. Ҳасан Ирфон дар матни ин воқеияти таърихиву фарҳангӣ яке аз поягузорони тарҷумаи бадеӣ шинохта шуда, эътироф гардидааст. Рисолаи муҳаққиқ Боронов Умедҷон низ ба фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон бахшида шудааст.

Навгониҳои таҳқиқот аз он иборат аст, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик зиндагинома, фаъолияти адабӣ, хусусияти осор ва хидматҳои Ҳасан Ирфон дар ташаккули мактаби тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти муосири тоҷик таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар раванди инкишофи насри бадеӣ ва тарҷумаи касбӣ ба таври вижа таъйид гардидааст.

Аҳаммияти назариявии диссертатсияи Боронов Умедҷон дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад ҳангоми таълифи таърихи адабиёти навини тоҷик, таърихи нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимӣ аз таърихи адабиёти тоҷик, таърихи тарҷума, суханрониҳо оид ба таърихи адабиёти муосир ва тарҷума дар мактаби миёнаю олӣ, ҳамчунин, чун асоси назарӣ барои мураттаб сохтани таърихи тарҷумаи муосир истифода шавад.

Аз автореферати диссертатсия дида мешавад, ки рисола аз муқаддима, се бобу ҳафт фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 171 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамиву дараҷаи мавзуи таҳқиқ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, асосҳои назариявию методологӣ, сарчашмаҳои илмӣ, навгонӣ, нуктаҳои

ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва дигар нуктаҳои мансуб ба муқаддимаи автореферати рисолаи диссертатсионӣ маълумоти дақиқ оварда шудааст. Дар қисмати асосии таҳқиқ муҳаққиқ оид ба ҳар як боби диссертатсия маълумоти мухтасар додааст.

Боби аввали рисола «Зиндагинома ва осори Ҳасан Ирфон» унвон дошта, аз се фасл ва хулоса иборат буда, дар фасли аввал оид ба зиндагиномаи Ҳасан Ирфон ҳамчун нависанда ва тарҷумон, дар фасли дуюм ва сеюм фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ таъкид кардааст, ки Ҳасан Ирфон дар қатори даҳҳо шоиру нависандагон ва рӯзноманигорон ба майдони адабиёт қадам ниҳода, дар тараққиёти наср ва тарҷумаи бадеӣ нақши муҳимму мондагор гузоштааст.

Боби дуюми рисола «Саҳми Ҳасан Ирфон дар инкишофи насри тоҷикӣ ном" дошта, аз ду фасл иборат аст. Агар фасли аввали ин боб ба «Хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори бадеии нависанда» бахшида шуда, муаллиф хулосаҳои худро дар панҷ банд ҷамъбаст намуда бошад, дар фасли дуюм атрофи «Махсусиятҳои жанрӣ ва бадеии осори адиб» баҳс карда, таъкид намудааст, ки Ҳасан Ирфон марҳилаҳои муҳимми ҳаёт ва сарнавишти қаҳрамонҳояшро дар асоси тарҳи иҷтимоии амалу кирдори онон, дар заминаи воқеиятҳои зиндагӣ ва талошҳои озодихоҳонаи афроди таърихӣ тасвир ва мушаххас сохтааст.

Боби сеюми рисола «Нақш ва ҷойгоҳи тарҷумаи бадеӣ дар эҷодиёти Ҳасан Ирфон» унвон дошта, дар он масоили муҳимми вобаста ба тарҷума ва ҷойгоҳи он дар эҷодиёти Ҳасан Ирфон мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Ин боб аз ду фасл «Осори адибони ҷаҳон дар тарҷумаи Ҳасан Ирфон» ва «Махсусиятҳои сабкии тарҷумонии Ҳасан Ирфон» иборат буда, дар ин фаслҳо фаъолияти тарҷумонии Ҳасан Ирфон, ки аз солҳои 30-юми асри XX оғоз шуда, то солҳои 60-ум давом ёфтааст, муфассал таҳлил гардидаст. Муаллиф хизматҳои Ҳасан Ирфонро дар тарҷумаи адабиёти ҷаҳон алоҳида қайд карда, овардааст, ки ба садоқат ва ҳунармандии ӯ дар ҳифзи сабки муаллифи нусхаи асл итминон ҳосил хоҳем кард.

Муҳаққиқи ҷавон натиҷаи таҳқиқоти худро дар қисмати хулоса дар ёздаҳ банд муфассал қайд кардааст, ки дар оянда маводи рисола метавонад дар навиштани китобҳои илмӣ ва дарсии таърихи адабиёти форсу тоҷик, таҳияи дастурҳои методӣ ва роҳнамоҳои таълимӣ барои донишҷӯён ва мутахассисони соҳа мусоидат намояд.

Дар баробари комёбиву муваффақиятҳои хуби илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ҷой доранд, ки каму назарногир ваислоҳпазир буда, моҳият ва арзиши илмии авторефератро кам карда наметавонад.

1. Дар автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобӣ мавҷуд буда, ислоҳаш имконпазир аст.

2. Дар оғози фаъолияти эҷодӣ яке аз мутарҷимони машҳури тоҷик Шариф Шароф аз мактаби эҷодии Ҳасан Ирфон баҳра бардоштааст. Агар дар ҷараёни навиштани диссертатсия муаллиф аз муҳосибаҳои Шароф Шараф бо Ҳасан Ирфон мулоҳизаҳои худро баён мекард, беҳтар буд.

Мақолаҳои илмии унвонҷӯ пурра муҳтавои рисолаи диссертатсионӣ ва автореферати он буда, дар маҷаллаҳои пазируфташуда ва тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Мавзуи диссертатсияи номзадии Боронов У.Х. «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» яке аз мавзуъҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб рафта, таҳқиқоти муҳаққиқро кори баанҷомрасида ҳисобидан мумкин аст. Хулосаҳои муаллиф асоси илмӣ дошта, мундариҷаи бобҳои рисоларо дар бар гирифтааст. Бинобар он, рисолаи Боронов У.Х. «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» кори баанҷомрасида ба ҳисоб рафта, ба талаботи рисолаҳои номзадии КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.04- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор дониста шавад.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи забон ва адабиёти
тоҷики Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур — Дустов Комилҷон Авлоқулович

Нишонӣ: 7340025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,
Кӯчаи. Франко 9/2, кв. 3.
Тел (моб):+992 (93-582-73-03)
Э-почта: komildustov.64@mail.ru

Тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳо Раҷабова Н.
Нишонӣ 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе
Хиёбони Рӯдакӣ, 146.
Тел (корӣ):+992 (2247207).

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР
ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХ ШОТЕМУР
ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО
ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ

« 22 » майи соли 2023